**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ таваҷҷуҳи олимони соҳаро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии наврасон ба ҳаёти иҷтимоӣ медиҳад.

Ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ, донишҳои ахлоқӣ таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шаҳрвандро ташкил медиҳанд.

Имрӯз ҳам дар кори мактабу маориф ба ин масъала эътибори хоса дода мешавад. Мавқеи он дар байни соҳаҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ чунин аст.

Ҳар халқу миллат бо фарзандони шуҳратманди худ, ки хислатҳову сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор мекунад. Аз қадимулайём бузургони халқи тоҷик, адибону олимон ба масъалаҳои ҷаҳонбинии миллӣ, ахлоқу одоб ва тарбияи онҳо дар одамон баҳои арзанда додаанд. Дар давоми зиёда аз ҳазор сол доир ба ин мавзуъ китобҳо, одобномаҳо, панду насиҳатҳо, ҳикояту ривоятҳо офаридаанд, ки имрӯз ҳам барои ҷаҳонбинии миллии наврасон ва педагогикаи халқӣ қадру қиммати беандоза доранд.

Дар рисолаи пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ дар муҳити беруназтаълимӣ баён шудааст.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмию равоншиносии олимони ватанию хориҷӣ оид ба ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддимаи кор муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси таҳқиқоти илмоти илмиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

Унвонҷӯ дар рисолаи илмии худ аз сарчашмаҳои фаровони илмиву методӣ истифода намуда, дар асоси хулосаҳои дақиқи илмӣ мавзуи таҳқиқотиро дар фаъолияти беруназтаълимӣ муфассал шарҳ дода, навгониҳои илмиро пешниҳод намудааст.

Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявӣ-амалии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон” номгузорӣ гардида, дар он масъалаҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиёти психологӣ-педагогӣ ва методӣ, педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худшиносии наврасон, роҳу усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди истифода аз арзишҳои миллии халқи тоҷик баррасӣ гардида, дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон таҳия шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Технологияи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шуда, масъалаҳои вазъи ташаккули ҷаҳонбинии

миллии наврасон дар замони муосир, корҳои таҳқиқотӣ-озмоишии раванди худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ, таҳияи барнома ва самаранокии истифодаи он дар ҷаҳонбинии миллии наврасон мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст.

Кори илмии пешниҳоднамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ» анҷомёфта буда, мазмуну муҳтавои он ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
МДТ «Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Душанбе» Асҳобиддини Шералӣ

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Майяковский 27/1
Тел: 939999699. E-mail:asomnazarov@mail.ru

11.12.2023

Имзои Асҳобиддини Шералиро тасдиқ мекунам.
Нозири шуъбаи кадрҳо и
МДТ «Литсей барои хонандагони
болаёқат дар шаҳри Душанбе» Гулдарбоғова Ф.